**ХУЛОСАИ НИҲОИИ**
**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-046**
**дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»**
**оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)**
**ба Каримӣ Шаҳноз Аъзамҷон**

**протоколи №13 аз 13.01.2024**

Диссертатсияи Каримӣ Шаҳноз Аъзамҷон дар мавзӯи “Муносибати ангезандагӣ ба такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар низоми муосири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ), дар ҳукми дастнавис барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ санаи 4 ноябри соли 2023, протоколи №33 аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D.КОА-046 дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» воқеъ дар суроғаи 735700, ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1) ба ҳимоя қабул карда шудааст. (Фармоиши КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №124 аз 08 апрели соли 2022).

Мавзуи кори диссертатсионии Каримӣ Шаҳноз дар маҷлиси Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров тасдиқ шудааст. (Протоколи № 7 аз 25. 12. 2014с). Диссертатсия дар ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ «Донишгоҳи давлатии Ҳуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров» аз 31.08.2023сол муҳокима шуда ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои педагогӣ, профессор, академики Академия таҳсилоти Тоҷикистон- **Каримова Ирина Холовна.**

**Муқарризони расмӣ**:

**Шаропов Шавкат Аҳмадович -** доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров”

**Ҷалилова Мавлуда Наҷмудиновна-** номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоии факултети педагогикаи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ

**Муассисаи пешбар**: МДТ “Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода”

Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ҳамчун муассисаи пешбар дар хулосаи мусбии худ, ки аз тарафи доктори илмҳои педагогӣ, профессор Шомуродзода Ҳ.Р. таҳия шудааст ва аз тарафи ректори донишгоҳ доктори илмҳои филологӣ,

профессор Гулназарзода Жило тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки тадқиқотҳои гузаронидаи унвонҷӯй Каримӣ Ш.А., ки тавассути барномаи курси махсус “Муносибати ангезандагии такмили салоҳияти касбии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар мактаби муосир” дар раванди такмили ихтисос ва бозомӯзӣ ба роҳ монда шудааст, дар ниҳоят таҳлили хусусиятҳои салоҳияти касбии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ аз рӯи ташаккули маърифатнокии хонандагон дар асоси мушоҳида ва таҳлил дар раванди такмили ихтисоси омӯзгорон натиҷаҳои назаррас касб кард.

Рисола бо забони хуби илмӣ навишта шуда, баёнгари он аст, ки унвонҷӯй дар атрофи мавзуи интихобнамудааш аз оғози тадқиқоташ то охир ҷиддан таҳлили кори илмӣ бурдааст.

Мазмуну муҳтавои рисола бо фишурдаҳои он, ки бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ таълиф гардидаанд, мувофиқати комил дошта, мундариҷаи корро якҷоя бо мақолоти таълифнамудаи муаллиф, ки дар маҷмуъ фарогири 20 ададанд, пурра инъикос мекунанд.

Рисолаи илмии Каримӣ Шаҳноз Аъзамҷон дар мавзуи “Муносибати ангезандагӣ ба такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар низоми муосири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон” тадқиқоти илмӣ-тахассусии анҷомёфта ҳисобида шуда, аз рӯи ҳаҷм, арзиши назарӣ ва амалӣ ҷавобгӯ ба талаботи КОА–и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он, сазовори соҳиб шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08- Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мебошад.

Инчунин ба автореферати диссертатсия тақризҳо аз тарафи шахсони зерин ба Шурои диссертатсионӣ ворид гардиданд:

Тақризи аввал, аз ҷониби доктори илмҳои педагогӣ, профессор, директори муассисаи давлатии “Китобхонаи миллӣ”-и дастгоҳи иҷроияи Президенти Чумҳурии Тоҷикистон Файзализода Ҷумахон Хол, дода шудааст. Тақриз мусбӣ буда, муқарриз эрод надорад;

Тақризи дуюм, аз ҷониби номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи фанҳои риёзи-табиатшиносии муосири МДТ “Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон” Азимова Назира Самадовна пешниҳод шудааст. Тақриз мусбӣ буда, муқарриз эрод надорад;

Тақризи сеюм, аз ҷониби номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи психология ва сотсиологияи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ғаниева Бунафша Ҷумабоевна пешниҳод шудааст. Тақриз мусбӣ буда, муқарриз эрод надорад;

Тақризи чорум, аз ҷониби номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи умумидонишкадавии фанҳои ҷомеашиносии Донишкадаи илмҳои дақиқ ва технологияи Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд Абдусамадова Мунира Абдуғаффорвна дода шудааст. Тақриз мусбӣ буда, муқарриз эрод надорад.

Муассисаи пешбар ва муқарризони расмӣ дар ҷаласаи Шурои

диссертатсионии 6D.КОА-046 назди МДТ «ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров” аз 4 ноябри соли 2023, протоколи №33 интихоб шуданд.

**Тибқи натиҷаи ҳимояи кушод Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ корҳои зерин иҷро шудаанд:**

1) аз ҷиҳати назариявӣ муносибати ангезандагӣ дар раванди такмили ихтисоси омӯзгорон таҳлил шуданд ва дар асоси он аломатҳои ҷойдошта, ки ба инкишофи шахсияти онҳо мусоидат мекунад, ҷудо карда шуданд;
2) муносибати ангезандагии такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар рушди муосири низоми маориф омӯхта шуд;
3) шароити педагогии муносибати самараноки ангезандагӣ дар такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ муайян, таъмин ва дар амалия санҷида шуданд;
4) нақши муносибати ангезандагии такмили ихтисоси омӯзгорон дар таҷрибаи таълимӣ таҳлил карда шуд;
5) моҳияти муносибати ангезандагии такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар рушди муосири низоми маориф ошкор карда шуд;
6) усули воридкунии муносибати ангезандагии навин муайян карда шуд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** чунин самтҳоро дарбар мегирад:

– муайян намудани моҳияти муносибати ангезандагии такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ;

– асосноккунии имкониятҳои гуногуни педагогии муносибатҳои ангезандагии такмили ихтисоси омӯзгорон;

– назарияи ташаккул ва рушди муносибати ангезандагии такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, натиҷагирии муносибатҳои гуногун дар муайянкунии моҳияти муносибати ангезандагӣ, фаъолият, фаъолнокӣ ва талабот мукаммал гардидани онҳо;

– муайянкунии шароитҳои педагогӣ ва нишондодҳои амалии ташаккули муносибати ангезандагӣ;

– тасдиққунии маҷмӯаи ташхисӣ (меъёр, нишондод, усул ва услуб) оид ба инкишофи муносибати ангезандагӣ, ки дар таҷрибаи таълимӣ истифода бурда мешаванд.

**Боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот дар он аст, ки** тавассути методологияи муқарраароти назария, такя ба истифодаи маҷмӯи усулҳои таҳқиқот, ки ба мақсад ва вазифаҳои он мувофиқанд, баҳри санҷиши таҷрибавии рушди назариявӣ, такрор шудани натиҷаҳои таҳқиқот дар амалияи таълимӣ таъмин карда мешавад.

**Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки** баҳри такомули муносибати ангезандагӣ ба такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ маводи ташхисӣ, барномаи таълимӣ ва тавсияҳои методӣ, барои такмили мундариҷаи таълим ва таҳияи тадбирҳои технологӣ ва инкишофдиҳӣ, ки ба рушди усули ангезандагӣ равона карда шудаанд, таҳия карда шудаанд. Ба ғайр аз ин, барои Донишкадаҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ курси лексияҳо оид ба педагогика, махсусан, қисмати дидактика дар низоми такмили ихтисоси омӯзгорон таҳия карда шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқот ба омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, кормандони мактабҳои таҳсилоти умумӣ

кӯмаки амалӣ мерасонад, зеро дар раванди таълим ин масъала муносибати ҷиддӣ талаб мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** дар иштирок кардани ӯ дар тамоми марҳалаҳои таҳқиқот: банақшагирӣ, интихоб ва асоснок намудани мавзӯъ, таҳияи сохтори диссертатсия, муайян кардани ҳадаф, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, ҷустуҷӯй ва дарёфти адабиёти зарурӣ оид ба мавзӯи таҳқиқот, ҷамъоварӣ ва муназзам намудани маълумоти озмоишӣ ва коркарди онҳо, таҳлили натиҷаҳои коркарди маълумоти озмоишӣ, омода ва интишор кардани мақолаҳои илмӣ, иштирок дар ҳамоишҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқот ва навиштани диссертатсия инъикос меёбад.

Аз ҷиҳати мазмун диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мутобиқат мекунад.

Ҳангоми овоздиҳии пинҳонӣ Шурои диссертатсионӣ дар ҳайати 8 нафар, аз онҳо _6__ нафар доктори илм, мутахассис аз рӯйи ихтисоси самти диссертатсияи баррасишаванда __6__ нафар, чунин натиҷагирӣ шуд:

тарафдори додани дараҷаи илмӣ _____8_________

муқобили додани дараҷаи илмӣ ______-_________

бюллетенҳои беэътибор ______________-________

Шурои диссертатсионӣ дар маҷлиси худ аз санаи 13 январи соли 2024 ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Каримӣ Шаҳноз Аъзамҷон дар мавзӯи "Муносибати ангезандагӣ ба такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар низоми муосири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон" кори таҳқиқотии анҷомёфтаи илмиву тахассусӣ буда, ба талаботи Низомнома "Оид ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ"-и КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, комилан ҷавобгӯй мебошад ва дар ин замина

## ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Дар асоси овоздиҳии пинҳонии аъзоёни Шуро ("тарафдор"__8__, "зид"- нест_, "бюллетенҳои бекоршуда"- нест_), диссертатсияи Каримӣ Шахноз Аъзамҷон дар мавзӯи "Муносибати ангезандагӣ ба такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар низоми муосири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ), ба талаботи бандҳои 10, 11, 12, 14 ва 16-и Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби додани унвонҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй ҳисобида шавад ва ба Каримӣ Шаҳноз Аъзамҷон дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) дода шавад.

2. Хулосаи Шурои дисертатсионии 6D.КОА-046 дар назди МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров" дар мувофиқа бо талаботи бандҳои 31 ва 33 «Тартиби додани унвонҳои илмӣ»-и Низомномаи дар бораи Шурои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 № 267 тасдиқ шудааст, қабул карда шавад.

3. Аз КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки хулосаи Шуроро тасдиқ намояд ва ба **Каримӣ Шаҳноз Аъзамҷон** дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) дода шавад.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Азизов А.А.

Котиби илмии
Шурои диссертатсионии
6D.КОА 046 - и назди МДТ
"Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"
доктори илмҳои педагогӣ, дотсент Абдуллоева М.А.

13.01.2024 с.